**Тақриз**

**ба диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович таҳти унвони “Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ва нусхашиносӣ)**

Адабиёти форсу тоҷик бо асолати таърихӣ, сарчашмаҳои бойи адабӣ ва пояи устувори фарҳангиву маданӣ дар ақсои олам ҳамчун адабиёти дорои заминаҳои бузурги рушду такомул ва таҳаввулу ташаккули анвои гуногуни адабӣ шинохта шуда шуҳраи ҷаҳон гаштааст. Албатта, барои номвар шудану дар дилу дидаи аҳли илму адаб, хоссатан муштоқони каломи бадеъ ва ҳаводорони адабиёти беназири форсу тоҷик саҳми намояндагони давраҳои гуногуни ин адабиёти оламгир беназир аст.

Дар ҳар марҳилаи адабӣ шоирону нависандагоне зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки бо осори пурқимату беҳамтояшон дар ниҳонхонаи қалби аҳли адаб маъво гирифтаанд. Адабиёти форсу тоҷики асри XII бо намояндагони пуркору нуктасанҷи худ барои минбаъд низ шукуфо будани бӯстони адабиёти мазкур дар давраҳои таърихӣ яке аз давраҳои рушду инкишофи адабӣ шинохта шудааст. Намояндаи барҷастаи ин давраи адабӣ Айнулқузоти Ҳамадонӣ тавассути осори адабиаш дар қатори дигар намояндагони ин давараи адабӣ яке аз ҷойҳои намоёнро касб мекунад. Осори ин адиби мумтоз бо назокату нафосат ва ҷаззобати ба худ хос таваҷҷуҳи дӯстдорони сухани бикрро ба худ кашидааст. Махсусан, дар ин роҳ муҳаққиқони риштаҳои гуногуни илм, ба мисли файласуфон, муаррихон ва забоншиносону адабиётшиносон дар омӯзишу баррасии осори гуногунпаҳлӯи адиб боризтар ба назар мерасад. Бо такя бо ин андешаҳо метавон чунин арз намуд, ки дар атрофи осори адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ адабиётшиносон корҳои мондагори таҳқиқиро ба

анҷом расонидаанд. Лекин доир ба номаҳои адиб ба ҷуз баъзе қайду ишораҳои дар мақолаҳои ҷудогона ва рисолаҳои илмӣ дарҷшуда ягон рисолаи номзадиву докторӣ бахшида нашудааст.

Маҳз, ана ҳамин ҷиҳати масъалаи мазкурро ба назар гирифта, Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович рисолаи докториашро ба яке аз мавзуъҳои мубраму дар айни ҳол саривақтии адабиётшиносӣ – “Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII ” бахшидааст.

Диссертатсия аз 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 382 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад. Боби якуми диссертатсия “Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмиву адабии ӯ” ном дошта, аз чор фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби якум “Зиндагиномаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ” ном дошта, докторант дар ин қисмати кор дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмиву адабии аз замони зиндагии адиб сар карда то замони имрӯз доир ба ном, куния, лақаб, соли валодат, даврони зиндагӣ, даврони туфулияту наврасӣ падару бобоёни адиб маълумоти муфиду боварибахш додааст. Муҳаққиқ маълумоти сарчашмаҳо ва тазкираву осори шоирону нависандагони ҳамзамон ва адибони баъдиро доир ба рӯзгор, авҷи камолот, паҳлӯҳои ибратбахшу печидаи рӯзгор ва ба шаҳодат расидани адиби нуктадон – Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Маълумоти зеридастдоштаашро барои амиқу дақиқ намудан ва таъмини саҳеҳияти онҳоро муқобили якдигар гузошта, хулосаҳои боварибахши илмӣ баровардааст. Дар баробари ин, ҳангоми таҳқиқу баррасии ин фасл доир ба ҳаёту фаъолият, азамату бузургии ин адиби ҳамадон воқеаҳои аҷибу маълумоти муътамадро баён кардааст, ки дар дигар асару мақолаҳои олимони доир ба ҳаёту эҷодиёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ нашрнамуда ба назар намерасанд. Қобили қайд аст, ки аҳаммият ва навгонии ин фасл дар ҳамин хусусияти кори таҳқиқотии докторант бо тамоми назокаташ ҷилвагар мешавад.

Фасли дуюми боби якум “Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ”. Осори мафқуди суханвар” ном дошта, докторант дар ин фасли кор дар асоси сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва осори худи адиб мероси адибро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аввалин манбаи муътамаде, ки муҳаққиқ ба он такя намуда, шумораву номгӯйи осори боқимондаи Айнулқузоти Ҳамадониро мушаххас ва муайян намудааст, асари худи адиб “Шаква-л-ғариб” мебошад. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар китоби номбаршуда 11 асари худро номбар кардааст (Дисс. 37). Дар баробари ин, андешаи дигар олимонро низ доир ба асори адиб мавриди пажуҳиш қарор додааст. Ӯ номи олимон, чун А. Усаирон, Қ. Ансорӣ, И Умарзодаро ёд карда, нуқтаи назари онҳоро дар хусуси осори маҳфузмонда ва азбайнрафтаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, бо ин олимон бобати саҳҳеҳӣ ва инчунин нодурустии андешаи онҳо доир ба шумора, замон навишта шудан, номгӯи осори адиб баҳс намуда, нуқтаи назари худро амиқу дақиқ ва аз лиҳози илмӣ санҷидашуда баён месозад.

Фасли сеюми боби якум “Мероси мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ” ном дорад. Дар ин қисмати кор докторант осори боқимондаи Айнулқузоти Ҳамадониро аз нигоҳи теъдод, мазмун ва мундариҷа ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҷолибияти ин қисмати кор дар он зоҳир мегардад, ки докторант осори мондагори мавҷуди адибро таҳлилу баррасӣ намуда, мазмуну муҳтаво, аҳаммият ва сабаби иншо шудани онҳоро бо овардани далелҳои муътамаду боварибахш баён кардааст. Асоснокии андешаи докторантро дар бобати мазмуну муҳтаво ва чигунагии осори адиб, пеш аз ҳама, маълумоти овардаи адиб дар оғози асараш ташкил мекунад. Баъдан ӯ ба асарҳои илмии муҳаққиқони осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ рӯ овардааст. Масалан, дар фасли дуюми “Шаква-л-ғариб”, ки “Дар имон ва нубуват” ном дорад, аз замони суруда шудан, мавзуъ ва теъдоди умумии “Қасидае дар мадҳи Муҳаммад (с.) ва хулафои рошидин” ба таври зер ёд мекунад: “Ман дар унфовони кӯдакӣ

қасидае сурудаам, ки ширинтар аз орзуи дилҳо ва гуворотар аз расидан ба дӯстон аст...”(Дисс., с. 50).

Бино ба маълумоти докторант асарҳои зерин ба қалами Айнулқузоти Ҳамадонӣ тааллуқ доранд: “Наҳзат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ”, “Қасидае дар мадҳи Муҳаммад (с.) ва хулафои рошиддин”, “Рисолаи Ҷамолӣ”, “Зубдат-ул-ҳақоиқ”, “Тамҳидот”; “Шаква-л-ғарибиі чони -ла-автони мо уламои-л-булдони”, “Номаҳо”.

Қайд кардан ба маврид аст, ки докторант ҳангоми мушаххас ва муайян намудани шумораи аниқи осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ сарчашмаҳои илмӣ, асарҳои олимони ватаниву хориҷиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Лаҳзаҳоеро дар кори муҳаққиқ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ӯ назари дигар олимони соҳаро бобати осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ рад карда, андешаҳои худро пешниҳод карда, ба хотири дурустиву сеҳҳеҳ будани суханҳояш мисоли зиёдеро аз осори худи адиб ҳамчун бурҳони қотеъ овардааст, ки ин аз истиқлоли андешаи муҳаққиқ дар ҷодаи илм дарак медиҳад.

Фасли чоруми боби якум “Осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ” унвон гирифтааст. Дар ин қисмати кор диссертант осори ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ мансубдонистаи муҳаққиқони давраҳои гуногунро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Муҳаққиқ асарҳои “Лавоеҳ”, “Яздоншинохт”, “Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир”, “Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макони”, “Мадор-ул-уюби фӣ-т-тасаввуфи”, “Ал-рисолат-ул-ями ния” зикр намуда, дар асоси пажуҳишоти осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки ҷанбаҳои мухталифи осори адибро таҳқиқ кардаанд, осори фавқуззикрро таҳлилу баррасӣ намудааст. Ин ҷо бояд махсус таъкид намуд, ки муаллифи рисола ҳар як нукоти муҳимми асарҳои илмиро перомуни мансубияти амарҳои зикршуда ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ нуктасанҷона омӯхта, дар навбати худ онҳоро аз нигоҳи услуби баён ва шеваи нигориш ба ҳамдигар муқоиса намуда, хулосаҳои амиқу дақиқи илмӣ баровардааст. Гарчанде ки ин амал заҳмати гаронро талаб кардааст,

лек муҳаққиқ дар ин роҳи бас мушкил ба комрониву сарафрозӣ ёр шуда, ба ҳадафи худ расидааст.

Докторант дар поёни фасли мазкур фикрҳои худро доир ба масъалаи шинохти осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва дурӣ ҷустан аз саҳву хато андар муайян кардани онҳо чунин нигоштааст: "Аз баҳсҳои фавқ равшан мешавад, ки баъзе аз тазкиранигорон ва муҳаққиқон бидуни таҳқиқи ахбори манобеъ ва хатои пужуҳишгарони қаблии худро такрор намудаанд. Онҳое, ки бевосита бо сабк ва шеваи нигориши осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ошноӣ доранд, ҳангоми муқоиса метавонанд, иқтибоси чанд асарро котибони нусах ё муҳаққиқон ба номи Айнулқузоти Ҳамадонӣ китобат ё нашр кардаанд, рад созанд. Афзун ба ин, Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар китоби "Шаква-л-ғариб", "Зубдат-ул-ҳақоиқ", "Тамҳидот" ва "Номаҳо аз мусаннафоти худ ёд намудааст, ки моро дар шинохти осори аслии ӯ кумак ва роҳнамоӣ мекунанд".

Боби дуюми диссертатсия "Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикии то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ" унвон дошта, аз се фаслу аз се зерфасл иборат мебошад. Муҳаққиқ фасли аввали боби мазкурро зери унвони "Пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то даврai Сосониён" ба омӯзишу баррасии пайдоиши хат, таҳаввулу ташаккули он ва ибтидои номанависӣ то даврai Сосониён бахшидааст. Докторант дар ин қисмати кор зарурати пайдоиши забон ҳамчун воситаи муҳимми муоширати одамон, сабабҳои пайдоиши хат ва инчунин рӯ ба номанигорӣ овардани мардумро бо такя ба сарчашмаҳои илмиву адабӣ возеҳу равшан баён намудааст. Муҳаққиқ дар вақти таҳқиқ заминаҳои пайдоиши хат анвои он ва роҳҳои рушду инкишофи онро то даврai Сосониён нишон додааст.

Мавриди зикр аст, ки нуқтаи назари олимони ватаниву хориҷиро, ба мисли А. Афсаҳов, Ҳ Қаҳҳоров, П.Н. Хонларӣ, М. Баҳор доир ба масъалаи пайдоишу рӯ ба такмил ниҳодани он бо мисолҳои зиёд нишон додааст. Масалан нуқтаи назари М. Баҳорро доир ба ташаккулу такомули

хат дар арсаи олам чунин ба қалам додааст: “М. Баҳор марҳилаи такомул ва татаввури хатҳои оламро иборат аз чаҳор марҳила: хатти нигорӣ ё нақшӣ, хатти намудорӣ ё аломатӣ (идеограмма), хатти оҳангӣ ва савтӣ ва хатти алифбо медонад” (Дисс. с. 91).

Фасли дуюми боби дуюм “Оини тарассул ва муншаотнависӣ дар аҳди Сосониён” номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор докторант дар бораи шарту шароити номанигорӣ, мақому мартабаи номанигорон, ба истилоҳ дабирон ва ҷойгоҳи дабирон дар аҳди Сосониён маълумот додааст. Илова ба ин роҳҳои омода намудани нома, тариқи ирсоли онҳо ва усули таҳияи нома, инчунин балоғату маънии бикр доштани он бо ҳифзи мақсаду мароми зарурӣ нодиркорона ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Зерфасли якуми фасли дуюми боби дуюм бошад, “Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо” ном гирифтааст. Дар ин қисмати кор дар хусуси расму ойин, одоби нигориши нома ва анвои номаҳо сухан рафта, дар бораи нақши номаҳо ва анвои онҳо дар замони Сосониён ахбори муътамаду боварибахш дода шудааст. Муҳаққиқ бино ба ақидаи Ҳ. Хатибӣ мактубҳои давраи Сососниёнро ба чунин навъҳо тақсим намудааст: маношир, фатҳнома, аҳднома, савгандномa, султониёт, ихвониёт ва тавқеот (Дисс., с. 101). Муҳиммияти ин қисмати кор боз дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як номаи зикршударо аз нигоҳи мақом, сабаби иншо, аҳаммияти нигориш, усули омода кардан, қисматҳои он бо нишон додани мисолҳои зиёд аз осори ниёгон, алалхусус, “Шоҳнома”-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Зерфасли дуюми фасли дуюми боби дуюм “Мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён” номгузорӣ шудааст. Ин зерфасл ба таҳқиқу омӯзиши шеваи нигориш ва оростагии зоҳири номаҳои тоисломӣ, сифати коғазҳои номанависӣ, ҳусни хат, анвои хат, риояи балоғати суханварӣ ҳангоми иншои мактуб, сабки хосаи нигориши номаҳо, услуби баланд доштани матлаби баёншуда, риояи дараҷа ва мақоми мухотаб (шахс) дар номаҳо бахшида шудааст. Докторант мавзуъҳои бисёр мубрами дар боло

зикршударо бо ҳунару салиқаи баланд равшану возеҳ баён намуда, махсусияти номаҳои аҳди Сосониёнро бо таҳлилу баррасии мисолҳои зиёди дорои аҳаммияти баланди илмидошта кушода нишон додааст.

Зерфасли сеюми фасли дуюми боби дуюм "Осори марбут ба оини нигориш ва номанависӣ" ном дорад. Докторант дар ин бахши кор осори марбут ба сабку услуби навиштани номаҳоро дар аҳди Сосониён дар асоси асарҳои дар зери дастдошта ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Китоби якуме, ки муҳаққиқ ҳамчун сарчашмаи боэътимоди фасеҳу балиғ барои иншои нома мавриди таҳқиқ қарор додааст "Корванд" мебошад. Доир ба мазмуну муҳтаво ва мундариҷаи китоби мазкур сарчашмаҳои илмиро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, назари олимонро перомуни ин китоб аз назари таҳлиливу танқидӣ дида баромадааст. Чи тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад, назари олимон доир ба ин китоб мухталиф ба назар мерасад. Як қисми олимону муҳаққиқон онро дастуре барои нигориши нома унвон кардаанд. Қисми дигари олимон ба ин андеша розӣ нестанд, яъне бар хилофи ин ақида фикрҳои худро баён кардаанд. Докторант зимни таҳқиқ муайян ва мушаххас намудааст, ки он на китобе дорои мазмуни қавоиду ойини номанигорӣ, балки онро аҳдномаи Хусрави Анӯшервон донистааст.

Сарчашмаи дигаре, ки онро ҳамчун манбаи номанигорӣ омӯхтаву ба риштаи таҳқиқ кашидааст, рисолаи "Ойини нома навиштан" мебошад. Рисолаи мазкурро мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ ва махсусан мазмуну мундариҷаи худи рисола муштамил ба 44 боб медонад. Бобу банҳои онро таҳлил намуда, доир ба сабку шеваи нигориши номаҳо то давраи тоисломӣ, махсусан дар аҳди Сосониён маълумоти муфид додааст. Рисолаи мазкурро дар баробари китоби "Корванд" рисолаи муътамад андар ойини номанигорӣ ба қалам додааст. Доир ба ин масъала дар қисмати охири фасли мавриди таҳқиқ чунин овардааст: "Аз гуфтаҳои фавқ метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳанӯз қабл аз ислом, махсусан дар аҳди Сососниён, эрониён ба омӯзиши ҳунари дабирӣ ва номанигорӣ диққати

махсус медоданд. Муаддибон барои таълими расм ва ойини дабирӣ ва номанигорӣ аз китобу расоили махсус истифода менамуданд, ки мисолашон китоби “Корванд” ва рисолаи “Ойини нома набиштан” мебошад” (Дисс., 138).

Фасли сеюми боби дуюм “Одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён” ва фасли чоруми боби мазкур “Ойини тарассул ва муншаотнависӣ аз аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр то замони Салчуқиён Хоразмшоҳиён” номгузорӣ шудаанд. Дар бобҳои мазкур сараввал дар асоси маълумоти сарчашмаҳои илмиву адабӣ дар хусуси одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён сухан ронда, махсусият, ҷиҳатҳои фарққунанда, одоби нигориши номаҳои ин давраи таърихиро бо мисолҳои зиёд нишон додааст. Баъдан дар хусуси ойини ирсоли нома ва муншаотнависӣ аз аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр то замони Салчуқиён ва Хоразмшоҳиён маълумоти асосноки илмӣ додааст. Ин давраро низ аз нигоҳи номанигорӣ, тариқи ирсоли он, одобу шеваи нигориш ва махсусиятҳои номаҳои давраи мазкур ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар баробари ин, дар ин қисмати кор докторант кӯшиш намудааст, ки ҳар як давраи зикршударо бо овардани маълумоти бисёр судманду боварибахш, ки заминаи бузург ва асосноки илмиро касб кардаанд, равшану возеҳ нишон диҳад. Дар ин кори басо масъулиятталаб муваффақ ҳам шудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони “Вижагиҳои адабиву услубии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ” аз чор фаслу панҷ зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб, асосан, масъалаҳои суннати дабирӣ ва услуби нигориши “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, забон ва шеваи баёни номаҳои Айнулқузот, касрати корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёт ва ҳуруфи муқаттаа дар “Номаҳо”-и Айнулқузот, аҳаммияти адабӣ ва вижагиҳои “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, назари Айнулқузоти Ҳамадонӣ нисбат ба шеър, андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ дар “Номаҳо-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, дифоъ аз иблис дар

“Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, мафҳуми ишқ дар “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, зарбулмасалу мақол пуркорбурдтарин санъатҳои бадеӣ дар “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар ин қисмати кор муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки забон ва услуби баёни “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадониро таҳлилу баррасӣ намуда, бо нишон додани мисолҳои дастрас сабки хоса, ҳунари сухангустарӣ, вижагиҳои адабиву услубии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадониро нишон диҳад. Дар баробари ин, докторант корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёт ва ҳадисҳои набавиро дар “Номаҳо-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида муайян кардааст, ки Айнулқузот дар истифодаи калимоти арабӣ ва оёту ҳадисҳо нисбат ба дигар ҳамзамононаш моҳиртар буда, ба таҳлилу баррсии ирфонии оёту ҳадисҳо бисёртар таваққуф намудааст, ки аз бузургӣ ва салиқаи баланди суханварии Айнулқузот шаҳодат медиҳад. Инчунин назари Айнулқузоти Ҳамадониро нисбат ба шеър баён намуда, зикр менамояд, ки назди Айнулқузот сарояндаи шеър муҳим нест. Ӯ шеърро ба оина ташбеҳ намуда, мегӯяд, ки оина аксе надорад ва ҳар кӣ дар он назар кард, акси худро дид. Бинобар ин, шеър он вақт маънӣ касб мекунад, ки агар касе ба тафсири он пардозад. Албатта, ин ҷо ақидаҳои ирфонии адиб зуҳур карда, ба шинохти шеър аз назари инсон як тобиши нави адабӣ бахшидааст, ки нек ба назар мерасад.

Дар “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ андешаҳои ахлоқӣ ва тарбиявӣ мавқеи вижаро касб мекунад. Адиби номвар дар “Номаҳо” бани башарро бо андешаҳои бисёр баланду бикри ирфониаш бо истифода аз оёту ҳадисҳо бо роҳи рост ҳидоят кардааст. Ин аз аҳаммияти баланди тарбиявӣ ва ахлоқӣ доштани “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ шаҳодат медиҳад.

Дар боби чоруми диссертатсия зери номи “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ” масъалаҳои зерин

мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шудаанд: муруре ба нусхаҳои хаттии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, назари интиқодӣ ба нашри “Номаҳо”-и Айнулқузот, “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ – сарчашмаи адабӣ, ашъори Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар “Номаҳо”, авроман ва фаҳлавиёт дар “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодшуда, баҳсе дар тасҳеҳ ва таъйини муаллифи мисраъҳои арабии “Номаҳо”-и Айнулқузот, аҳаммияти “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори суханварони қарнҳои IX-XII, аҳаммияти “Номаҳо”-и Айнулқузот дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ, таъсирпазирии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, аҳаммияти “Номаҳо”-и Айнулқузот дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори Саноии Ғазнавӣ.

Дар ин қисмати кор докторант нусхаҳои хаттии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадониро дар асоси нуҳ нусхаи хаттии дастрас мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Ӯ ҳангоми омӯзиш ба қароре меояд, ки дар нусхаҳои мавҷуд номаҳои Айнулқузот пурра ва дар шакли саҳеҳу комил гирдоварӣ нашудаанд. Дар баробари ин миқдори номаҳо дар ҳар як нусхаи хаттӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Лекин баъзе нусхаҳои хаттӣ аз лиҳози таърихи навишта шуданашон қадимтар буда, то як андоза барои амиқ нишон додани аслиати мактубҳои Айнулқузот маводи заруриро дода метавонанд. Дар баробари ин, докторант ба нашри “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз назари интиқодӣ баҳо дода, мутаассифона, дар нашрҳои гуногуни “Номаҳо”-и Айнулқузот камбудиву ғалатҳои бисёрро мушоҳида кардааст, ки ин аз бедиққатии котибони нусхаҳои хаттии “Номаҳо”-и Айнулқузот сарчашма мегирад. Муҳаққиқ бо роҳи муқоисаву муқобала нашрҳои гуногуни “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадониро таҳлилу баррасӣ намуда, камбудиву ғалатҳои ҷойдоштаро бо далелҳои амику дақиқи асоснокшудаи илмӣ нишон дода, барои шинохту аслияти “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ хизмати арзандаву шоистаеро анҷом додааст.

Мавзуи муҳимми дигареро, ки перомуни “Номаҳо”-и Айнулқузот докторант ба он таваҷҷуҳ кардааст, ҳамчун сарчашмаи адабӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани “Номаҳо”-и Айнулқузот мебошад. Ӯ тавонистааст, ки бо овардани шавоҳиди зиёд ҳамчун сарчашмаи боэътимод будани “Номаҳо”-и Айнулқузотро муаррифӣ ва баён созад.

Айнулқузот дар “Номаҳо” барои равшан баён намудани афкори худ ва изҳори матлаб дар баробари ашъори форсӣ ва арабӣ аз ашъори худ низ истифода кардааст. Докторант зимни таҳқиқи ин масъала ошкор кардааст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар санъати шеърнависӣ маҳорати баланд дошта, дар “Номаҳо” ва дигар осори вай аз сабаби номи муаллифи бештари абёт зикр нагардидан миқдори ашъори ӯро муайян кардан мушкил аст.

Ҳамин тариқ, дар боби мазкур низ докторант ба муваффақиятҳои назарраси илмӣ ноил шуда, барои кушодани уфуқҳои нави эҷодиёти Айнулқузоти Ҳамадонӣ заминаи муътамади илмиро фароҳам овардааст.

Хулосаи диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар 30 банд натиҷагирии баҳсҳои илмӣ буда, дарки масъалаҳои илмӣ ва зеҳнияти касбии муҳаққиқро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ перомуни мавзуи диссертатсия 1 монография, 65 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 24 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия, 3 мақола дар хориҷа (Эрон – 2011, Ӯзбекистон – 2022, 2023) ва 38 мақола дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои дигари илмӣ ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона нигошта шуда, мазмуну моҳият ва мантиқи ягонаи дохилӣ дошта, масъалагузориҳо, сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, шеваи нигориш, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии диссертантро нишон медиҳанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовард ва муваффақиятҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо дида мешавад, ки бо мақсади беҳбудии кор ва пешрафти корҳои таҳқиқииояндаи муаллиф, зикри онҳоро зарур медонем:

1. Фасли дуюми диссертатсия агар чунин номгузорӣ мешуд, беҳтар буд: “Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва осори мафқуди ӯ”.
2. Дар диссертатсия баъзе калимаву таркиб ва ҷумлаҳо таҳрирталабанд (с. 3, 13, 31, 37, 100, 116).
3. Дар саҳифаи 100 агар феъли сунъисохти “доир мешуд” ба феъли маъмули “баргузор мешуд” ва дар саҳифаи 117 феъли “даст заданд” ба “таваҷҷуҳ намудаанд” иваз карда мешуд, беҳтар буд.
4. Вазифаҳои грамматикии аломатҳои китобати тире (–) ва нимтире (-) гуногунанд. Лекин дар диссертатсия дар баъзе ҳолатҳои ин тафовут ба назар намерасад. Яъне ба ҷойи тире (–) алотати нимтире (-) гузошта шудааст (с. 1, 20).

5. Дар саҳифаҳои 13, 96, 98, 100, 117-и диссертатсия хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба мушоҳида расид.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши баланди илмии корро коста намекунанд ва ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба манфиати кор мебуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо равишу услуби илмӣ таҳия гардида, руйиҳамрафта пайдарпайии қисматҳои он риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ чоп намудааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Дар маҷмуъ, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта меҳисобам.

Мавзуи интихобнамудаи докторант ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ва нусхашиносӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович таҳти унвони «Айнулкузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижигиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ва нусхашиносӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии

доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ва нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Н.Ҷ.
“23” майи соли 2024

Нишони:735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/28
E-mail: shokhnoma@mail.ru
Тел: (+992) 918133849

Имзои Н.Ҷ.Ашуроваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj
Тел: (833-22) 2-35-06
“23” майи соли 2024